# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи: «Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060606 – «Химия» (6D060603 - Химияи органикӣ).**

Ҳосилаҳои глитсерол қисми ҷудонашавандаи липидҳо мебошанд, ки дар мубодилаи организми ҳайвонот иштирок мекунанд. Солҳои охир дар асоси ин спирти бисёр атома ва ҳосилаҳои он доруворихои бисёр самарабахш синтез ва ба тиб ворид карда шуданд. Пайвастҳоеро, ки дар асоси глитсерол ва ҳосилаҳои он ба даст оварда шуда, хамчун мавод барои рангкунии наххои бофандагӣ ва синтетикӣ истифодаи худро ёфтаанд. Инчунин онҳо дар истеҳсолот бо мақсади коркарди чарм, ба сифати эмулгаторҳо ва коагулянтҳо низ ба таври васеъ истифода мешаванд.

Таҳқиқотҳое, ки ба ҳосилкунии атсеталҳои моно-, ди-, ва бисёр ивазшаванда, аз ҷумла дихлорсиклопропанҳо, ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва аналогҳои онҳо нигаронида шудаанд, аз нуктаи назари илмӣ мубрам буда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, диққати асосӣ дар кори пешниҳодшудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D-доктор аз рӯйи ихтисоси дар боло зикр гардида, диссертант Шарипов Ф.Н. таваҷҷуҳ ба синтези ҳосилаҳои нави атсеталҳои моно-, ди-, ва бисёр ивазшаванда, аз ҷумла дихлорсиклопропанҳо, ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва монанди онҳо нигаронида шудааст. Маълум аст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои нави синтез, тағйир додани молекулаи пайвастаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва ошкор намудани қобилияти реаксионии онҳо имкон медиҳад, ки як қатор моддаҳои фаъоли биологӣ ба даст оварда шавад, ва дар оянда ҳамчун реагентҳои нави химиявӣ дар синтези маҳини органикӣ истифода гарданд.

Кори мазкур аз ҷиҳати илмӣ актуалӣ буда, пайвастаҳои аз ҷониби довталаб синтезкардашуда аз ҷиҳати биологӣ фаъол ба шумор рафта, роҳ ба самти фарматсевтӣ мекушояд. Ба ғайр аз ин онҳо дар соҳаи тиб имконияти васеъи тавсия шуданро доранд.

Хулоса, автореферати кори диссертасионии Шарипов Ф.Н. дар мавзуи: «Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ», ки бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060606 – «Химия» (6D060603 - Химияи органикӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D-доктор аз руи ихтисоси 6D060606 – «Химия» (6D060603 - Химияи органикӣ) мебошад.

Ходими пешбари илмии озмоишгоҳи
синтези органикии Институти химия
ба номи В.И. Никитини АМИТ,
номзади илми химия, дотсент **Абдуллаев Тоҳир Ҳасанбаевич**

Суроға: 734063, ш. Душанбе, кӯчаи. Айни 299/2. Институт химия ба номи. В.И. Никитини АМИТ. Рақами телефон: (+992) 900 97 01 01, E-mail: tolibshoh@mail.ru

Имзои ходими пешбари илмии озмоишгоҳи синтези органикии институти химия ба номи В.И. Никитини АМИТ, н.и.х., дотсент **Абдуллаев Тоҳир Ҳасанбаевич**-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти химия ба номи
В.И. Никитини АМИТ Раҳимова Ф.А.

«07.» 04. соли 2025.